**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди**
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00-Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт).**

«21» 02 соли 2024 № 46/КТ ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мутобиқи банди 58-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар мавзуи «Ташаккул ва рушди низоми идоракунии сифати хизматрасониҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва усулҳои амсиласозӣ (назария, методология ва амалия)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.00-Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) ва 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои им, маориф ва иҷтимоиёт) барои экспертиза қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.02 – Хизматрасонӣ дар соҳаҳои им, маориф ва иҷтимоиёт) мутахассисон аз аъзоёни шуро:

- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Кошонова М.Р. (раиси комиссия);
- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷонмамадов Ш.Б. (аъзои комиссия);

аз рӯйи ихтисоси 08.00.00-Илмҳои иқтисодӣ (08.00.09 – Методҳои математикӣ ва афзорӣ (инструменталӣ) дар иқтисодиёт) мутахассиси

давъатшуда аз Донишгоҳи байналмилаии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷӯрабоев Ғ.Ҷ. (аъзои комиссия).

3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ дар бораи мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар асарҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия **хулосаи хаттии комиссияро** ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод намоянд.

**Раиси шурои**
**диссертатсионӣ, д.и.и., профессор** **Фақеров Ҳ.Н.**

**Котиби илмии шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и.** **Убайдуллоев Ф.К.**